**ТАҚРИЗИ**

муқарризи расмӣ ба рисолаи илмии Қамчинбекзода Гулнора Эшон дар мавзуи “Маърифати педагогӣ – психологии волидон ҳамчун омили самарабахши таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар оила”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) пешниҳод шудааст

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илми эълоншуда.** Муҳтавои таҳқиқоти диссертатсионии Қамчинбекзода Гулнора Эшон дар мавзуи “Маърифати педагогӣ – психологии волидон ҳамчун омили самарабахши таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар оила” ба шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот, аз ҷумла, ба *банди 1* - Методологияи таҳқиқи фаъолияти иҷтимоӣ-педагогӣ дар муассисаҳои таълимӣ ва *банди 4. -* Сифати ташкили ҷорабиниҳои иҷтимоӣ-педагогӣ (технология ва усулҳои баҳодиҳии сифати фаъолияти иҷтимоию педагогӣ; меъёрҳо, нишондиҳандаҳои баҳодиҳии сифати фаъолияти иҷтимоию педагогӣ) мувофиқат мекунад.

Таҳқиқоти диссертатсионии Қамчинбекзода Гулнора Эшон маҳз ба яке аз мавзуъҳои муҳим ва то ин маврид наомӯхташуда дар илми педагогикаи ватанӣ маҳсуб буда, муаллифи он тавонистааст, ки як самти навро дар илми педагогикаи миллӣ корбаст намояд.

**Муҳиммияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба он равона шудааст, ки** бори аввал ҷанбаҳои амалии масъалаи маърифати педагогию психологии волидон ҳамчун омили самарабахши таълиму тарбияи хонанда дар оила (дар мисоли муассисаҳои таълимии умумии шаҳри Душанбе ва ноҳияи Лахш) мавриди таҳқиқ қарор гирифта, самти амалии таҳқиқоти ақоиди мукаммал дар бораи волидон ва роҳҳои такмили маърифати педагогӣ – психологии волидон ҳамчун омили самарабахши таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар оила мебошад. Барои ташаккули алоқаҳои маънавии мустаҳкам миёни волидону хонанда сатҳи баланди эътимоди дуҷониба, эҳтирому боварӣ ва ҳусни тафоҳумро таъмин менамояд, зеро набудани ин шароит метавонад ба рушду такомули шахсияти хонанда таъсири манфӣ расонад.

Бо таваҷҷуҳ ба нукоти баёншуда, ҷиҳати баргузории таҳқиқот унвонҷӯ Қамчинбекзода Гулнора Эшон дар мавзуи “Маърифати педагогӣ – психологии волидон ҳамчун омили самарабахши таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар оила” интихоб намудааст.

Муҳаққиқ қайд менамояд, ки ҷанбаҳои илмии мавзуи таҳқиқшаванда аз ҷониби олимону муҳаққиқони хориҷӣ В.А. Сухомлинский, П.Ф. Лесгафт, А.М. Горкий , Я.А. Коменский, Л. Путляева, О.Л. Зверева, Т.В. Кротова, К.Д. Ушинский ва муҳаққиқони ватанӣ Ф. Шарифзода, М. Лутфуллозода, М.Т. Алиев, Д.Н. Латифзода, Б. Маҷидова, Н.М. Юнусова, А. Миралиев, М.Т. Давлатов, Б. Раҳимов, А. Нуров пажуҳиш анҷом ёфта, осори илмию педагогии арзишманде ба нашр расонидаанд.

Унвонҷӯй муваффақ шудааст, ки дар заминаи баҳисобгирии таҳқиқотҳои илмии психологӣ–педагогӣ, таҳлили осори фалсафию таърихӣ, қонун, стратегия ва барномаҳои давлатӣ вазъи нақши пешбарандаи оила, муассисаи таълимӣ ва ҷомеаи муосир, рушди ҳамкории муассисаи таълимӣ ва оила дар таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ, назарияи фаъолияти педагогӣ дар раванди навоварӣ дар таълим, таълимот оид ба моҳият ва вазифаҳои тарбияи оила ва муассисаи таълимиро дар таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ амиқ омӯхта, дар асоси таҳлилу баррасии андешаҳои муҳаққиқони соҳа нуқтаи назари хешро иброз намояд.

**Дараҷаи асоснокнокӣ ва муътамад будани хулоса ва тавсияҳо.**

Дар рисолаи тақризшаванда ноил шудан ба ҳадаф ва санҷишу тасдиқи фарзия аз нигоҳи ҳалли масъалаву вазифаҳои зерин таҳқиқи худро ёфтааст:

1. Таҳлили хусусиятҳои муносибатҳои волидон дар оила ва таъсири он ба инкишофи шахсияти хонандагон;
2. Коркарди технологияи нави маърифатнокии педагогию психологии волидон тавъам бо анъанаҳои миллӣ дар таълиму тарбияи оилавӣ;
3. Таҳлилу баррасӣ ва муқоисаи натиҷаҳои бадастовардашуда оид ба нишондиҳандаҳои маърифатнокии педагогию психологии волидон;
4. Коркард ва пешниҳод намудани тавсияҳо доир ба маърифатнокии педагогию психологии волидон.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Навгонии илмии таҳқиқот аз он иборат аст, ки муаллифи диссертатсия бо мақсади ошкор кардани маърифати педагогию психологии волидон ҳамчун омили самарабахши таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар оила, пурсишнома ва нақшаи суҳбати педагогӣ бо хонандагон тартиб додааст, технологияи нави маърифати педагогию психологии волидон барои тарибияи оилавӣ дар заминаи анъанаҳои миллӣ таҳия шуда, самаранокии истифодаи он дар муассисаҳои барои таҷрибагузаронӣ

пешбинигардида пайгирӣ карда шудаст. Амсилаи маърифати педагогию психологии волидон ҳамчун омили самарабахши таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар оила таҳия, илман асоснок ва дар амал ҷорӣ карда шудааст.

Нуктаҳоеро, ки муаллифи диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод кардааст, дар маҷмӯъ асоси воқеӣ дошта, аз натиҷаи омӯзишу таҳқиқ, таҳлилу баррасӣ ва таҳлилу баргузории таҳқиқоти озмоишии амалан анҷомдодаи довталаби дараҷаи илмӣ шаҳодат медиҳанд ва асосноку боэътимоданд. Аз ҷумла:

1. Амсилаи татбиқи равобити волидон бо мактаб бо дар назардошти талаботи маърифати педагогию психологии волидон барои ташаккули тарбияи маърифатӣ;
2. Омӯхтан, ба низом даровардан ва тавсифи маҳорати педагогии омӯзгор дар интихоби методҳои самарабахши таълим;
3. Технологияи мутобиқати талаботи ягонаи мактабу оила ва мутобиқати амалиёти онҳо бо мақсади рушди маърифати педагогию психологии волидон бо натиҷаҳои бадастовардашудаи таълимӣ;
4. Тавсифи сарчашмаҳо, омилҳои дохилӣ ва тамоюлҳои мусбат дар худинкишофдиҳии волидон, кӯшиши онҳо ба худтакмилдиҳӣ барои ноил шудан ба дараҷаҳои маърифатнокии педагогӣ.

Дар асоси мулоҳизаҳои баёншуда метавон тасдиқ намуд, ки андешаҳои муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ оид ба маърифати педагогӣ – психологии волидон ҳамчун омили самарабахши таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар оила мубрам буда, ошкор сохтани мавқеи ҳамкории муассисаи таълимӣ ва оиларо дар таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар назди худ мақсад гузоштаст.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия овардашуда.** Муқарарроти назариявии таҳқиқот ба таври кофӣ далелнок оварда шуда, дар асоси таҳлилу арзёбии адабиёти илмӣ, таҳлили шароит ва натиҷаҳои фаъолияти таҷрибавӣ-озмоишӣ; тасдиқи пешбиниву андешаҳое, ки дар фарзия ва ғояи пешбарандаи диссертатсия ба миён гузошта шудааст; тафтиши маводҳои озмоишӣ дар низоми таҳсилоти ибтидоӣ; таҷрибаи амалии фаъолияти касбӣ ва педагогии муаллифи рисолаи илмӣ тазоҳур шудааст.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаи таҳқиқотро омузиши сарчашмаҳои педагогӣ, равонӣ ва маълумотҳои шифоҳӣ оид ба мақсади таҳқиқот ва татбиқи самаранокии корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ дар амалияи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии пойгоҳӣ исбот мекунад.

Аҳамияти назариявии таҳқиқоти мазкур дар он ба назар мерасад, ки

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.** Аҳамияти назариявии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки маълумоти илмии бадастовардашударо метавон барои амалигардонии маърифатноккунии волидон, коркарди барномаҳо, дастурҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ истифода бурд. Натиҷаҳои таҳқиқотро барои таҳқиқи минбаъдаи мавзуъ дар доираи дигар илмҳо низ истифода бурдан мумкин аст.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот** дар он аст, ки натиҷаҳои рисолаи илмӣ ва тавсияҳои пешниҳодшуда дар раванди ташкили фаъолияти таълимию тарбиявии волидону омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ҳангоми гузаронидани курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорон дар муасисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва монанди ин мавриди истифода қарор меёбанд.

Диссертатсияи мазкур дорои таҳлилҳои назариявию методологии ғанӣ буда, мафҳумҳои калидӣ аз ҷиҳати равонӣ-педагогӣ муфассал таҳлил карда шудаанд. Мақсад, вазифа, фарзия ва муқаррароти диссертатсия татбиқ ва иҷро гардидаанд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Нуктаҳои асосӣ, хулоса ва тавсияҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конференсияҳои илмию назариявӣ, мизи мудаввар ва семинарҳои давоми солҳои 2017-2022 баргузоршуда мавриди баррасӣ қарор гирифта, аз ҷумла дар конференсияҳоии ҷумҳуриявии илмию амалӣ унвонҷӯ мақолаҳоро чоп намуда, бо маъруза баромад намудааст. Мазмун ва натиҷаҳои асосии таҳқиқоти Қамчинбекзода Гулнора Эшон дар 7 мақолаи муаллиф дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Вазорати маорифи Россия тавсияшаванда шомилбуда, 11 мақола дар маҷмӯаи маводи конференсияҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ ва маҷмуи мақолаҳои илмӣ нашр шудаанд.

**Ҳаҷм ва сохтори таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Рисолаи илмӣ дар ҳаҷми 179 саҳифаи матни компютерӣ чоп гардида, аз муқаддима, се боб, хулоса ва руйхати адабиёт (143 номгӯй) иборат буда, дар он 13 ҷадвал, 5 диаграмма истифода шудааст. Рисолаи илмӣ инчунин, хулоса ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳоро дар бар мегирад.

**Дар муқаддима** аҳамият ва мубрамияти мавзуи диссертатсия, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот, инчунин аҳамияти назариявию амалии он, баргузории марҳилаҳои таҳқиқот ва корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ дар пойгоҳҳои таҳқиқотӣ баррасӣ гардидааст.

**Боби якуми рисолаи илмӣ “Асосҳои назариявии маърифати педагогӣ – психологии волидон ҳамчун омили самарабахши таълиму**

**тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар оила"** номгузорӣ гардида, дар зербоби якум **"Усулҳои муосир оид ба масъалаи маърифати педагогӣ- психологии волидон бо дарназардошти анъанаҳои миллии тарбияи оилавии тоҷикон"** таҳлил гардидаанд. Муҳаққиқ зимни омӯзиши адабиётҳои психологӣ ва педагогӣ қайд менамояд, ки маърифат ва фарҳангу ахлоқи ҳар оила, пеш аз ҳама аз одобу дониш ва маданияти волидон сарчашма мегирад. Пажуҳишҳо ншон медиҳанд, ки ки ҳанӯз дар тамаддуни ориёӣ оилаву оиладорӣ асоси ҷамъият ва рукни муқаддаси зиндагӣ ба ҳисоб рафта, соҳибони оила боиси эҳтирому арзёбӣ буданд.

Ба андешаи муҳаққиқ Қамчинбекзода Гулнора Эшон нақши оила барои рушди меҳру муҳаббати фарзанд хеле калон аст, ки дар марҳилаҳои аввал фарзанд бояд аз вай баҳраманд гарданд. Дар тарбияи оилавӣ нақши волидон ва муносибати шахсии онҳо аҳамияти калон дорад ва онҳо уҳдадориҳои худро бояд хуб донанд. Дар диссертатсия ҷанбаҳои психологии муносибати байниҳамдигарии волидону фарзандон ва таъсири онҳо ба рушди фарзанд шарҳ дода шудааст, ки инҳо ҷанбаи муносибатҳои эмотсионалии байни волидон ва фарзандон, ҷанбаи муоширит, муқаррар кардани сарҳадҳо дар раванди таълиму интизом, дастгирӣ ва ҳавасмандгардонии рушди фарзанд мебошанд. Муҳаққиқ бамаврид қайд менамояд, ки "Ҳар як тарбиятгар ин ҷанбаҳоро бояд донад. Мувофиқи мақсад аст, ки муносибату муошврати ба роҳмондаи волидон бо фарзанд пешакӣ аз ҷониби онҳо арзёбӣ гарданд ва вобаста ба таъсирашон ба роҳ монда шаванд. Масалан, таҳқир кардани фарзанд, дӯстдории аз ҳад зиёд, аз ҳад зиёд назорат намудан, ба маҳсули фаъолияи ӯ чашм пӯшидан, беэҳтиромӣ нисбаташ зоҳир намудан ва ғ." (саҳ.28)

Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рушди босуръати технология, волидон бояд махсусан дар бораи он, ки онҳо ба фарзандони худ чӣ гуна арзишҳо медиҳанд, бодиққат бошанд. Вақте ки падару модар аз маданияти баланди педагогию психологӣ, ҳуқуқӣ ва тиббӣ бархурдор аст, он гоҳ онҳо ҳамеша саъю кӯшиш мекунанд, то оилае бунёд намоянд, ки барои тарбияи фарзандони солиму солеҳ шароит фароҳам гардад."(саҳ.37) Бинобар ин, донистани асосҳои педагогика ва психология метавонад ба волидон кумак кунад, ки фарзандони худро беҳтар дарк кунанд ва барои рушди онҳо фазои бароҳатро фароҳам оранд. Аз ин лиҳоз, муҳаққиқ масъалаи баланд бардоштани маърифати оиладорӣ ва боз ҳам тақвият бахшидани масъулияти волидон дар таълиму тарбияи фарзандонро дар назди худ мақсад гузоштааст.

Бояд қайд кард, ки оила, мактаб ва ҷомеа дар ҳамкорӣ байни ҳамдигар метавонанд барои ҳалли масъалаҳои дар боло зикршуда нақши муҳим бозанд. Бо ибораи дигар, онҳо ҷиҳати инкишофи психикии кӯдак саҳми худро гузоранд, зеро, шахсияти солим ба воя расида метавонад таҳаммулпазир буда, ноороміро дар муҳити мактаб ва ҷомеа баратараф намояд. Фароҳам овардани муҳити солиму фарҳангӣ дар оилаҳо ва мактабҳо имконият медиҳад, ки дар насли наврас чунин хусусиятҳо, ба монанди сабр, эътироф, эҳтиром, ҷавонмардӣ, авф, шафқат, гузашт кардан, тамкин, худдорӣ ва ғайраҳо ташаккул ёбанд. Аз ин рӯ, зарурате пеш меояд, ки ин се ниҳоди иҷтимоӣ - оила, мактаб ва ҷомеа бояд барномаю чорабиниҳои мушаххаси марбут бо таълиму тарбияи насли наврасро тартиб диҳанд ва дар якҷоягӣ барои амалӣ гаштани ин ҳадафҳо фаъолият намоянд.

Боби дуюми диссертатсия **“Истифодаи технологияи нави фаъолгардонии равобити оила ва муассисаи таълимӣ ҳамчун омили самарабахши таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар оила”** унвон гирифта, аз ду фасл иборат мебошад.

Дар боби мазкур муҳаққиқ қайд менамояд, ки тайи солҳои охир мушоҳидаҳо нишон доданд, ки аз фориғболиву бемасъулиятии баъзе падару модарон ҷараёну равияҳои ифротгаро истифода бурда, кӯшиш мекунанд, ки ба ҷаҳонбинии кӯдакону ҷавонон таъсир расонанд. Аз ин рӯ, ба хотириояндаи миллат, интихоби роҳи дурусти таълиму тарбия ва бештар гардонидани масъулияти падару модар зарурати қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак” ба миён омад, ки мақсади он пурзӯр намудани масъулияти оила дар таълиму тарбияи фарзанд, дар руҳияи инсондӯстӣ, ифтихори ватандорӣ, эҳтироми арзишҳои миллӣ, умумибашарӣ ва фарҳангӣ, инчунин ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои фарзанд мебошад” (саҳ.72)

Таҷрибаи таҳқиқотӣ тариқи озмоишҳои педагогӣ нишон медиҳад, ки ба кори эҷодӣ ва самаранок ташкилу гузаронидани соатҳои тарбиявӣ, мувофиқи нақшаи пешакии иловагӣ тарҳрезӣ намудани дарсҳои ҳозиразамон, аз қабили дарс-озмун, дарс-конфронс, дарси ҳамгиро, дарси ҷамъбастӣ, дарси ҳисоботи эҷодӣ, дарс-саёҳат, дарс- викторинаи илмӣ, дарс-мубоҳиса, дарс-мусобиқа, дарс-семинар, дарси ҳозирҷавобон, дарси саволу ҷавоб, дарсҳои санҷишӣ, дарсҳои лабораторӣ, дарси таҷрибавӣ ва дарсҳои амалӣ барои ташакули маърифати педагогӣ-психологии волидон кӯмак мекунанд.

Дар идомаи боби мазкур унвонҷӯ “**Роҳу усулҳои баландбардории маърифати педагогӣ- психологии волидон ва роҳбарони синф»-ро** таҳлил намудааст. Маҳз барои баланд бардоштани раванди таълиму

тарбия, пеш аз ҳама, бояд роҳбари синф, директор ва муовинонро бо донишҳои педагогию психологӣ муссалаҳ намуд, чунки онҳо тарбиятгари насли навраси имрӯзу фардоро ба воя мерасонанд. Ҳар як шахсе, ки ба таълиму тарбия сару кор дорад, бояд бо донишҳои педагогию психологӣ мусаллаҳ гардад.

Дар асоси андешаҳои болозикр ҳаминро мебояд тасдиқ намуд, ки маҳз омӯзгори синфи ибтидоӣ дар ташаккули хусусиятҳои психикии кӯдак нақши муҳимро мебозад. Омӯзгор ва роҳбари синф онҳоро дар руҳияи ватандӯстию меҳанпарастӣ ва рушди хислатҳои хубу ҳамидаи инсонӣ тарбия карда метавонад.(саҳ.92)

Инчунин, барои беҳтару хубтар намудани раванди маърифатноккунонии волидон мебояд, ки усулҳои ҷадиди ҳамкории муассисаи таълимӣ ва оиларо коркард дар амал татбиқ намуд. Маърифатноккунонии волидон усули ҷадиди ҳамкории мактаб ва оила аз як чанд қисматҳои ташкили суҳбати инфиродӣ бо падару модарони хонандагон дар мактаб ва ҳангоми ба хонаи талабагон рафтан; омода намудани гӯшаи падару модарон; созмон додани омӯзишҳои педагогию психологӣ; ба роҳ мондани машваратҳои педагогию психологӣва монанди инҳо иборат мебошанд.(саҳ.100)

Муҳаққиқ хеле бамаврид қайд намудааст, ки "Дар ин раванд, ба омӯзгор тавсия дода мешавад, ки мушкилотро на мушкилоти волидон ва хонанда, балки мушкилоти ҳамаи онҳо ном барад, яъне «мушкилоти фарзанди шумо» гуфта, ибрози андеша накунад, балки «мушкилоти мо» гуфта суҳабатро ба роҳ монад. Ин усули «МО» волидонро болидаруҳ гардонида, омӯзгорро ҳамчун аъзои оила, ки барои рафъи мушкилот саҳмгузор аст, кабул мекунанд. Волидон бештар ҳамкорӣ мекунанд ва дар ин замина боварӣ ҳосил мешавад.» (саҳ.103)

Дар боби сеюми диссертатсия **"Кори таҷрибавӣ – экспременталӣ бо волидон дар асоси татбиқи технологияи нави маърифати педагогӣ-психологии волидон"** муҳаққиқ технологияи нави маърифати педагогӣ - психологии волидон барои тарбияи оила дар заминаи анъанаҳои миллиро коркард намудааст.

Ташаккули маданияти педагогию психологӣ – ин яке аз асосҳои технологияи нави маърифатӣ педагогӣ-психологии волидон ба шумор меравад. Бояд волидон бо қонуният ва шароитҳои асосии инкишофи хонандагон марҳила ба марҳила инкишофдиҳии онҳо, ташаккули талабот, тарзҳои истифодабарии донишҳои педагогӣ-психологӣ дар раванди тарбияи хонанда ва ташаккулёбии шахсияти онҳо инъикос карда шавад.

Амсилаи нави технологияи таълим барои волидон коркард шуда,

ҳамкорӣ байни оила ва МТ дар заминаи таълими ҳозиразамони ибтидоӣ таҳия ва самаранокии истифодаи амсилаи ҳамкориро байни оила ва муассисаи таълимӣ исбот намудааст. Махсусан, аз ҷониби унвонҷӯ дар ҷадвали алоҳида шакли кор бо волидон оид ба "Маърифати педагогӣ-психологии волидон" пешниҳод шудааст. (саҳ.130)

Дар натиҷаи таҳқиқоти ташхисӣ, ки бо истифода аз усули мураккаб гузаронида шудааст, муҳаққиқ тавонистааст намудҳои гуногуни муносибатҳои волидайнро, ки дар тарбияи фарзанд нақши калидӣ доранд, муайян созад. Аз ҷониби муҳаққиқ тавсияҳо оид ба ташкили маърифати педагогӣ - психологии волидон таҳия гардида, самаранокии онҳо дар асоси натиҷаҳои ташхис ва таҳлили маълумот баргузор ва хулосаҳо бароварда шуданд.

Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд барои таҳияи барномаҳои мақсадноки дастгирии оилаҳо ва баланд бардоштани сифати таҳсилоти ибтидоӣ истифода шаванд, барои фароҳам овардани шароити педагогии истифодаи технологияи нави фаъолгардонии равобити оила ва муассисаи таълимӣ ҳамчун омили самарабахши таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар оила мусоидат намоянд.

Зикр намудан ба маврид аст, ки дар баробари дастовардҳои илмии назариявию амалии муҳаққиқ, дар диссертатсия ва фишурдаи он норасоиҳои зерин дида мешавад, ки зикри он характери тавсиявӣ дорад.

1. Истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот дар амалия осону қулайтар мегашт, агар аз ҷониби муаллиф аз натиҷаи кор намунаи баргузории чорабиниҳоро бо истифодаи технологияи нави фаъолгардонии равобити оила ва муассисаи таълимиро дар замимаи кор пешниҳод менамуд. Ин арзиши амалии таҳқиқотро боз ҳам афзунтар мекард.
2. Дар боби сеюми диссертатсия "Кори таҷрибавӣ-экспериментали бо волидон дар асоси тадбиқи технологияи нави маърифати педагогӣ-психологии волидон"-ро мавриди озмоиш қарор дода, натиҷаи бадастомадаро васеъ, бо истифода аз диаграмма ва ҷадвалҳо нишон додааст. Вале дар фишурдаи кор (автореферат) на ҳамаи натиҷаҳо, махсусан истифодаи технологияи нави маърифати педагогӣ - психологии волидон барои тарбияи оила дар заминаи анъанаҳои миллӣ ҷой дода шудаанд.
3. Дар рисолаи илмӣ бархе аз манбаҳо ва иқтибосҳои овардашуда бо рақамгузории адабиёт мувофиқат намекунанд.(саҳ.12,13,19,38)
4. Дар матни фишурдаи кор ва рисолаи илмӣ баъзе ғалатҳои техникию имлоӣ роҳ ёфтаанд, ки таҳриру ислоҳ мехоҳанд.

Бояд қайд кард, ки камбудиҳои зикршуда арзиши комили илмӣ ва дастовардҳои назарраси диссертатсияи Қамчинбекзода Гулнора Эшон дар мавзуи "Маърифати педагогӣ – психологии волидон ҳамчун омили

самарабахши таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар оила” дар ҳудуд ва микёси мавзуи таҳқиқшуда халалдор намекунад.

Хулоса, диссертатсияи Қамчинбекзода Гулнора Эшон дар мавзуи “Маърифати педагогӣ – психологии волидон ҳамчун омили самарабахши таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар оила” кори ба итмомрасидаи илмӣ-таҳкиқотӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона иҷро карда шудааст.

Нуктаҳои илмӣ, натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ ва хулосаҳои рисолаи илмӣ дар мақолаҳо, аз он ҷумла дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки рӯйхати онҳо дар рисолаи илмӣ ва фишурдаи он дарҷ гардидаанд, интишор шудаанд.

**Мувофиқати автореферат ва диссертатсия ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Автореферат ва мақолаҳои нашрнамудаи диссертант муҳтавои асосии рисолаи илмиро инъикос менамоянд. Мазмуни таҳқиқоти диссертатсионӣ бо соҳаи зерини шиносномаи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мувофиқат мекунад.

Умуман, рисолаи илмӣ дар мавзуи “Маърифати педагогӣ – психологии волидон ҳамчун омили самарабахши таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар оила” ба талаботи ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ, ки бо қарори ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидаанд, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Қамчинбекзода Гулнора Эшон сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ, аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
**доктори илмҳои педагогӣ, профессор** **Иматзода Лутфия Маҳмадулло**

**18.07.2025 с.**

Маълумот барои тамос:
734026, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кучаи Адҳамов 11/2,
Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Телефон: 227 62 46, 555333121.

Имзои Л.Иматзодаро тасдиқ менамоям.
Мудири шуъбаи кадр ва коргузории
Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А.Ҷомии АТТ Х.Ҳакимова